**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 26 ноябри соли 2020 № 621

ш. Душанбе

Дар бораи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади дастгирии рушди илм ва маориф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таъсис дода шавад.

2. Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2021 ҳамасола мукофоти пулии Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таъмин намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 26 ноября 2020 года № 621

г. Душанбе

О Государственной премии Республики Таджикистан для учёных и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин

В соответствии со статьей 17 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» и с целью поддержки развития науки и образования Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Учредить Государственную премию Республики Таджикистан для учёных и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин.

2. Утвердить Положение о Государственной премии Республики Таджикистан для учёных и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин (прилагается).

3. Министерству финансов Республики Таджикистан с 1 января 2021 года ежегодно обеспечить денежное вознаграждение Государственной премии Республики Таджикистан для учёных и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин за счёт средств государственного бюджета.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

Вазорати маориф ва илм
Ҷумҳурии Тоҷикист
Воридот № 01-31?
29.12.2020

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» ноябри соли 2020, №621
тасдиқ шудааст

Низомномаи

Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (минбаъд - Низомнома) тартиби баргузор намудани озмун, шартҳои баргузорӣ, ҷамъбаст ва чораҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин маблағгузории озмунро муқаррар менамояд.

2. Мақсади сарфарозгардонӣ бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (минбаъд – Ҷоизаи давлатӣ) дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм, маориф ва инноватсия бо роҳи ҳавасмандкунии олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ буда, ба рушди фанҳои мазкур, фаъолияти эҷодии олимону омӯзгорон, баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа ва такмили методикаи таълим ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос нигаронида шудааст.

3. Ҷоизаи давлатӣ аз мукофоти пулӣ ва диплом иборат аст.

4. Ҷоизаи давлатӣ ба олимон барои дастовардҳои зерин дода мешавад:

- натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникие, ки ба рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат менамояд;
- коркард ва азхудкунии техника, кашфиёту ихтироот, ки тақвиятдиҳандаи рушди иқтисодиёт ва иқтидори мудофиавии мамлакат мебошанд;
- таҳияи китобҳои дарсӣ, нашри мақолаҳои илмию методӣ, маводи таълимӣ-методӣ, омода намудани донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;
- иштироки фаъолона дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ;
- саҳмгузорӣ дар таҳия ва татбиқи барномаҳои илмию техникии ҷумҳурӣ.

5. Ҷоизаи давлатӣ ба омӯзгорон барои дастовардҳои зерин дода мешавад:

- навоварӣ дар таҷрибаи педагогӣ, мақолаҳои илмию методӣ, патент барои ихтироот, дастур ва китобҳои дарсии нашршуда;
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, маҳорати асоснок намудани омӯзиши фанни таълимӣ ва методикаи таълим;
- истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаи ҷаҳонии интернет, проектор, тахтаи электронӣ, омода намудани барномаҳои муаррификунанда (слайд);
- омода намудани хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;
- муаррифии усулҳои ҳавасмандгардонии хонандагон, фарҳанги муошират, сатҳи забондонӣ, ҳамкории омӯзгор бо хонанда, падару модар ва ҳамкорон.

6. Барои муайян кардани ғолибони Ҷоизаи давлатӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун ташкил ва баргузор карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

7. Озмун барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ ҳар сол дар давраҳои зерин баргузор карда мешавад:

1) барои олимон дар ду давр:
- даври якум – дохилиидоравӣ, моҳи феврал дар муассисае, ки довталаб дар он кор мекунад;
- даври дуюм – ҷумҳуриявӣ, моҳи апрел дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) барои омӯзгорон дар се давр:
- даври якум – шаҳрӣ (ноҳиявӣ), моҳи январ дар шаҳр ва ноҳияе, ки довталаб дар он кор мекунад;
- даври дуюм – вилоятӣ (шаҳри Душанбе), минтақавӣ (барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), моҳи феврал дар сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо, барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- даври сеюм – ҷумҳуриявӣ, моҳи апрел дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Иштирок дар даври якуми озмун барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ барои олимон ва омӯзгорон озод мебошад. Аз даври якуми озмун барои олимон ба даври дуюм аз ҳар як муассиса на зиёда аз 3 довталаб роҳ ёфта, ғолибони озмун дар даври дуюм муайян карда мешаванд. Ғолибони даври якуми озмуни омӯзгорон дар ҳайати на зиёда аз 3 довталаб аз ҳар як шаҳру ноҳия барои иштирок дар даври дуюм ҳуқуқ пайдо мекунанд. Аз даври дуюми озмун ба даври сеюм ба миқдори на зиёда аз 4 омӯзгор аз вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва

шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ роҳ меёбанд. Ғолибони озмун барои омӯзгорон дар даври сеюм муайян карда мешаванд.

9. Барои даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун оид ба Ҷоизаи давлатӣ комиссияҳои дохилидоравӣ, шаҳрӣ (ноҳиявӣ), вилоятӣ (шаҳри Душанбе, минтақавӣ) ва ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад.

10. Комиссияҳо оид ба Ҷоизаи давлатӣ дар даврҳои якум (барои олимон ва омӯзгорон) ва дуюми озмун (барои омӯзгорон) вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- роҳбарии умумиро оид ба омодагӣ, ташкил ва баргузории озмун таъмин менамоянд;

- ҷой, мӯҳлати баргузории даврҳои озмун, теъдоди иштирокчиёнро аз ҳисоби ғолибон муайян ва ба раиси комиссияи ҷумҳуриявӣ барои тасдиқ пешниҳод менамоянд;

- номгӯи маводи иттилоотии иловагиро, ки барои истифодабарӣ иҷозат дода шудааст, тасдиқ менамоянд;

- ҳангоми баргузории озмун шаффофиятро таъмин менамоянд;

- масъалаҳои баҳсталабро дар раванди баргузории озмун ҳал мебароянд;

- ҷамъбасти натиҷаи озмунро таъмин намуда, рӯйхати ғолибонро барои иштирок дар даврҳои минбаъдаи озмун пешниҳод менамоянд;

- иштироки ғолибонро дар даври минбаъдаи озмун таъмин менамоянд.

11. Комиссия оид ба Ҷоизаи давлатӣ дар даври ҷумҳуриявӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- баргузории озмунҳои то даври ҷумҳуриявиро назорат намуда, баргузории даври ҷумҳуриявии озмунро бевосита роҳбарӣ менамояд;

- ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мӯҳлат ва баргузории даври ҷумҳуриявии озмун ва теъдоди иштирокчиёни даври ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби ғолибони даври дуюм барои олимон ва даври сеюми озмун барои омӯзгорон таклиф пешниҳод менамояд;

- бо комиссияҳо оид ба Ҷоизаи давлатии даврҳои озмун мубодилаи иттилоотии заруриро ба роҳ мемонад;

- баргузорӣ ва натиҷагирии даврҳои озмунро баррасӣ ва таҳлил намуда, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи дахлдор пешниҳод менамояд;

- дипломи ғолибони озмунро омода мекунад;

- тарғиби васеи рафти баргузорӣ ва натиҷаҳои озмунро тавассути воситаҳои ахбори омма ба роҳ мемонад.

12. Барои баҳодиҳии корҳо ва фаъолияти иштирокчиёни озмун бо ҷалби мутахассисони соҳа комиссияи экспертӣ таъсис дода мешавад. Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба Ҷоизаи давлатӣ ҳамзамон метавонад ба ҳайси комиссияи экспертӣ баромад намояд.

13. Комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ таъсис ёфта, аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад. Ба ҳайати комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври дохилидоравӣ барои олимон роҳбари муассисаи илмӣ, муовинони ӯ ва олимони соҳаҳои дахлдор шомил гардида, он аз ҷониби роҳбари муассиса тасдиқ карда мешавад. Ҳайати комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) бо пешниҳоди сардорони раёсатҳо ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва даври вилоятӣ (шаҳри Душанбе) бо пешниҳоди сардорони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳайати комиссия оид ба Ҷоизаи давлатиро барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ мекунад.

14. Озмун барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ ҳар сол як маротиба гузаронида мешавад. Ғолибон ҳуқуқи такроран иштирок кардан дар озмун ва сазовор гаштан ба Ҷоизаи давлатиро надоранд.

## 3. ШАРТҲОИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

15. Довталабе, ки дар озмун ширкат меварзад, бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро тибқи замимаи Низомномаи мазкур вобаста ба корҳои анҷомдодааш пешниҳод намояд.

16. Комиссияҳои даври якум барои олимон ва даври дуюм барои омӯзгорон ӯҳдадоранд, ки то 1 апрел ба Вазорати маориф ва илм натиҷаҳо ва маводи озмунҳоро пешниҳод намоянд.

17. Маводи ба озмун барои олимон пешниҳодшуда дар шакли холгузорӣ аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

1) барои ҳар як навоварӣ, намунаи маводи навоварӣ (инноватсионӣ), ки дар натиҷаи иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва навоварӣ тибқи шартнома аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ ё ғайрибуҷетӣ ё ин ки аз ҳисоби маблағгузории омехтаи буҷетию ғайрибуҷетӣ ба даст оварда шудааст – аз 10 то 50 хол;

2) барои ҳар як ихтироот, модели муфид, намунаи маводи инноватсионии бо ташаббуси муҳаққиқ пешниҳодшаванда ва ҳуқуқ барои патенти он – аз 10 то 50 хол;

3) иловатан барои ҳар як патент барои ихтироот ё модели муфид, ки дар якҷоягӣ бо донишҷӯёну магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос амалӣ шудааст – аз 10 то 20 хол;

4) барои ҳар як ихтироот, ки дар хориҷа патент гирифта шудааст – аз 30 то 60 хол;

5) барои китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ-методӣ – аз 10 то 30 хол;

6) барои омода намудани донишҷӯёну магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос ба озмуну олимпиадаҳо, ки ҷои ифтихориро ишғол намудаанд:

- дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ – аз 10 то 30 хол;

- дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ – аз 20 то 50 хол;

7) барои ҳуҷҷати тасдиқкунандаи дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ихтироот ва инноватсия бо нишон додани самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – аз 10 то 30 хол;

8) барои иштирок дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ – аз 10 то 30 хол.

18. Маводи ба озмун барои омӯзгорони пешниҳодшуда дар шакли холгузорӣ аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

1) барои ҳар як навоварӣ дар таҷрибаи педагогӣ ва нашри мақолаҳои илмию методӣ – аз 10 то 50 хол;

2) барои ҳар як патент барои ихтироот ё модели муфид, ки дар якҷоягӣ бо хонандагон аз рӯи равия татбиқ шудааст – аз 20 то 50 хол;

3) барои донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, донишҳои соҳавӣ ва сатҳи забондонӣ – аз 10 то 30 хол;

4) дастур ва китобҳои дарсии нашршуда – аз 10 то 30 хол;

5) барои маҳорати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ – аз 10 то 30 хол;

6) барои омода намудани хонандагон аз рӯи равия ба озмуну олимпиадаҳо, ки ҷои ифтихориро ишғол намудаанд:

- дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ – аз 20 то 50 хол;

- дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ – аз 30 то 60 хол;

7) иштироки фаъолона дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ – аз 10 то 30 хол.

19. Ғолибони озмун аз рӯи ҷамъи умумии холҳои бадастовардаи довталабон ва хулосаи коршиносон муайян карда мешаванд.

## 4. ҶАМЪБАСТИ ОЗМУН ВА ҶОРАҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ

20. Озмун аз рӯи натиҷаҳои ҳар як давр ҷамъбаст гардида, ғолибон аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-педагогӣ ва фаъолияташон дар давраи шахсӣ муайян карда мешаванд.

21. Дар мавриди ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок бо мақсади таъмини шаффофияту воқеият дар баҳогузории натиҷаҳои корҳои иштирокчиёни озмун маводи озмунӣ барои баҳодиҳӣ ба коршиносони мустақил, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм аз ҳисоби мутахассисони соҳа муайян мегарданд, дода мешавад. Ба коршиносони мустақил хулосаи комиссияи экспертӣ доир ба маводи озмунӣ дода намешавад.

22. Қарори комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври ҷумҳуриявӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

23. Теъдоди умумии Ҷоизаи давлатӣ 15 ададро ташкил дода, аз он 6 ҷоиза ба шахсоне, ки унвони илмӣ доранд ва 9 ҷоиза ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ дода мешавад.

24. Ғолибони даври ҷумҳуриявии озмун бо диплом ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд. Мукофоти пулӣ барои ҳар як ғолиб 20 000 (бист ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.

25. Ҷоиза аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо дастури ӯ аз тарафи шахси масъули дигар супорида мешавад.

26. Дар ҳолати вафот кардани ғолиби озмун диплом ва мукофоти пулӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ӯ дода мешавад.

## 5. МАБЛАҒГУЗОРИИ ОЗМУН

27. Хароҷот барои гузаронидани озмун дар даври дохилидоравӣ, ба зиммаи муассисае, ки довталабон дар он кор мекунанд ва хароҷот барои даврҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ бошад, ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта мешавад. Кумитаҳои иттифоқи касаба ва сарпарастон, сармоягузороне, ки бо муассисаҳои таълимӣ, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо ҳамкорӣ доранд, метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кор саҳм гузоранд.

28. Хароҷоти гузаронидани даври ҷумҳуриявии озмун ба зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кор саҳм гузоранд.

29. Хароҷот барои иштироки олимону омӯзгорон дар озмун аз ҷои кори асосии онҳо тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

Замима

ба Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби довталаб пешниҳодшаванда

Довталабе, ки дар озмун ширкат меварзад, бояд ҳуҷҷатҳои зеринро вобаста ба корҳои анҷомдодааш пешниҳод намояд:

1) Варақаи шахсӣ;

2) Нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба зинаҳои таҳсилот;

3) Нусхаи шиноснома;

4) Тарҷумаи ҳол;

5) Расм бо андозаи 3х4 - 6 дона;

6) Қарори Шӯро ё машвараи муассисае, ки дар он довталаб кор мекунад, оид ба пешниҳод барои дарёфти Ҷоиза - 1 нусха;

7) Рӯйхати ҳамаи корҳои илмии довталаб - 2 нусха;

8) Шарҳи мухтасари мазмуни асар ё асарҳои илмии ба озмун пешниҳодшуда дар ҳаҷми на зиёда аз як варақаи чопӣ - 2 нусха;

9) Нусхаи шаҳодатномаи муаллифӣ (барои ихтироот) - 2 нусха;

10) Маълумотнома аз идора ва ё мақомоти дахлдор дар бораи татбиқи амалии ихтироот, конструксияҳо, мавод ва технологияи нав, усулҳои мукаммали истеҳсолот дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ-1 нусха;

11) Ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба доштани унвони илмии номзад ва ё доктори илм;

12) Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи моҳияти воқеии илмӣ-амалӣ доштани натиҷаҳои илмии кашфиёту ихтирооти пешниҳодшуда бо замимаи маводи тасдиқкунандаи чопӣ, сабтӣ, аёнӣ ва ғайра;

13) Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳолати амалишавии кашфиёту ихтироотҳои дар амал татбиқшуда ва татбиқшаванда;

14) Ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар хусуси на кам аз як сол мавриди амал қарор доштани тадқиқоти довталаб;

15) Китоби дарсӣ, маводи таълимӣ-методӣ ва монографияҳо;

16) Нусхаи диплом, ифтихорномаи шогирдони довталаб (хонанда, донишҷӯй, магистрант, докторант аз рӯи ихтисос), ки дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сазовор гардидаанд;

17) Дигар ҳуҷҷатҳое, ки довталаб ба озмун пешниҳод намудани онро зарур мешуморад.

Утверждено
постановлением Правительства
Республики Таджикистан
от «26» ноября 2020 года, №621

Положение
о Государственной премии Республики Таджикистан для ученых и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Положение о Государственной премии Республики Таджикистан для ученых и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин (далее - Положение) устанавливает порядок проведения конкурса, условия проведения, подведение итогов и меры поощрения, а также финансирование конкурса.

2. Целью присуждения Государственной премии Республики Таджикистан для ученых и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин (далее – Государственная премия) является реализация государственной политики в области науки, образования и инновации путем поощрения ученых и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин и направлена на развитие этих дисциплин, творческой деятельности ученых и преподавателей, повышение их статуса в обществе и совершенствование методов преподавания и изучения естественных, точных и математических дисциплин учащимися, студентами, магистрантами и докторантами по специальности.

3. Государственная премия состоит из денежного вознаграждения и диплома.

4. Государственная премия присуждается ученым за следующие достижения:

- результаты научной и научно-технической деятельности, способствующие развитию естественных, точных и математических дисциплин;

- разработку и освоение техники, открытий и изобретений, усиливающих экономическое развитие и повышение оборонного потенциала страны;

- составление учебников, издание научно-методических статей, учебно-методических материалов, подготовку учащихся, студентов, магистрантов и докторантов по специальности к республиканским и международным конкурсам и олимпиадам;

- активное участие в научно-педагогических мероприятиях общественных работ;

- внесение вклада в разработке и реализации научно-технических программ республики.

5. Государственная премия присуждается преподавателям за следующие достижения:

- новаторство в педагогической практике, издание научно-методических статей, патент за изобретение, изданных пособий и учебников;

- познание отраслевых нормативных правовых актов, умение обоснования учебного предмета и методики преподавания;

- целевое использование информационно-коммуникативных технологий, мировой сети интернета, проектора, электронных досок, создание презентационных программ (слайдов);

- подготовка учащихся к республиканским и международным конкурсам и олимпиадам;

- презентация методов стимулирования учащихся, культуры общения, уровня языкознания, сотрудничества преподавателя с ученикам, родителей и коллег.

6. Для определения победителей Государственной премии конкурс организуется и проводится Министерством образования и науки Республики Таджикистан.

## 2. ПОРЯДОК ПРОВЕДЕНИЯ КОНКУРСА

7. Конкурс на соискание Государственной премии проводится ежегодно в следующих периодах:

1) для ученых в два этапа:

- первый этап – внутриведомственный, в феврале месяце, в учреждении, где работает кандидат;

- второй этап – республиканский, в апреле месяце, в Министерстве образования и науки Республики Таджикистан;

2) для преподавателях в три этапа:

- первый этап – городской (районный) в январе месяце, в городе и районе, где работает кандидат;

- второй этап – областной (город Душанбе), региональный (для городов и районов республиканского подчинения), в феврале месяце, в главном управлении образования города Душанбе, в областных управлениях образования, для городов и районов республиканского подчинения в Министерстве образования и науки Республики Таджикистан;

- третий этап – республиканский, в апреле в Министерстве образования и науки Республики Таджикистан.

8. Участие в первом этапе конкурса на соискание Государственной премии для ученых и преподавателей является свободным. Из первого этапа конкурса для ученых во второй этап из каждого учреждения право участия получают не более трёх претендентов, и победители конкурса определяются во втором этапе. Право участия на втором этапе конкурса для преподавателей получают победители первого этапа в составе не более трёх претендентов из каждого города и района. В третьем этапе конкурса участие примут в количестве не более четырех преподавателей из областей, города Душанбе и городов и районов республиканского подчинения. Победители конкурса для преподавателей определяются в третьем этапе.

9. Для первого, второго и третьего этапа конкурса на соискание Государственной премии создаются внутрнведомственные, городские (районные), областные (город Душанбе, региональные) и республиканские комиссии.

10. Комиссия по Государственной премии на первом (для ученых и преподавателей) и втором этапе (для преподавателей) конкурса выполняёт следующие задачи:

- обеспечивает общее руководство по подготовке, организации и проведению конкурса;

- устанавливает место, сроки проведения этапов конкурса, определяет количество участников из числа победителей и представляет председателю комиссии на утверждение;

- утверждает перечень дополнительных информационных материалов, разрешенных к использованию;

- обеспечивает прозрачность проведения конкурса;

- рассматривает спорные вопросы в процессе проведения конкурса;

- обеспечивает свод результатов конкурса и представляет список победителей для участия в последующих этапах конкурса;

- обеспечивает участие победителей в следующем этапе конкурса.

11. Комиссия по Государственной премии в республиканском этапе выполняет следующие функции:

- контролирует проведение конкурса до республиканского этапа, непосредственно руководит проведением республиканского этапа конкурса;

- представляет в Министерство образования и науки Республики Таджикистан предложения о сроках и проведении республиканского этапа конкурса и количества участников республиканского этапа из числа победителей второго этапа конкурса для ученых и третьего этапа конкурса для преподавателей;

- налаживает обмен необходимой информацией с комиссиями на соискание Государственной премии;

- рассматривает и анализирует проведение и результаты этапов конкурса и представляет в Министерство образования и науки Республики Таджикистан соответствующую информацию;

- подготавливает дипломы победителей конкурса;

- обеспечивает широкую пропаганду хода проведения и результатов конкурса посредством средств массовой информации.

12. Для оценки работ и деятельности участников конкурса создается экспертная комиссия с привлечением специалистов отрасли. Республиканская комиссия по Государственной премии одновременно может выступать в качестве экспертной комиссии.

13. Республиканская комиссия по Государственной премии создаётся из числа представителей Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, министерств образования и науки, экономического развития и торговли, здравоохранения и социальной защиты населения, Национальной академии наук и отраслевых академии и утверждается министром образования и науки Республики Таджикистан. В состав комиссии по Государственной премии внутриведомственного этапа для ученых входят руководитель научного учреждения, его заместители и ученые соответствующих отраслей и он утверждается руководителем учреждения. Состав комиссии по Государственной премии в городских (районных) этапах утверждаются местными органами исполнительной государственной власти по представлению начальников городских (районных) отделов образования, а областных (города Душанбе) этапов по представлению начальника главного управления образования города Душанбе и начальников областных управлений образования. Состав комиссии по Государственной премии для городов и районов республиканского подчинения определяются и утверждаются министром образования и науки Республики Таджикистан.

14. Конкурс на соискание Государственной премии проводится один раз в год. Победители не имеют права повторного участия в конкурсе и получения Государственной премии.

## 3. УСЛОВИЯ ПРОВЕДЕНИЯ КОНКУРСА

15. Кандидат, участвующий на конкурсе, в зависимости от проделанной работы должен предоставить необходимые документы согласно Положению.

16. Комиссии первого этапа для ученых и второго этапа для учителей обязаны до 1 апреля предоставить результаты и конкурсные материалы в Министерство образования и науки.

17. Материалы, представленные на конкурс для ученых, оцениваются в виде баллов по следующим критериям:

1) за каждое новаторство, модель инновационного материала, полученное в результате выполнения научно-исследовательских и новаторских работ по договору за счет бюджетного или внебюджетного

финансирования, либо за счет смешанного бюджетного и внебюджетного финансирования - от 10 до 50 баллов;

2) за каждое изобретение, полезную модель, образец инновационного материала, предоставляемого по инициативе исследователя и права на его патент - от 10 до 50 баллов;

3) дополнительно за каждый патент на изобретение, реализуемый совместно со студентами, магистрантами, докторантами по специальности – от 10 до 20 баллов;

4) за каждое изобретение, запатентованный за рубежом - от 30 до 60 баллов;

5) за учебники и учебно-методические материалы - от 10 до 30 баллов;

6) для подготовки студентов, магистрантов, докторантов по специальности на конкурсы и олимпиады, занявших призовые места:

- на республиканских - от 10 до 30 баллов;

- на международных - от 20 до 50 баллов;

7) документ, подтверждающий внедрение изобретения и инновации в производство с указанием экономической и социальной эффективности – от 10 до 30 баллов;

8) для активное участие в научно-педагогических мероприятиях и общественных работ – от 10 до 30 баллов.

18. Материалы, представленные на конкурс для преподавателей, оцениваются в виде баллов по следующим критериям:

1) за каждое новаторство в педагогической практике и издание научно-методических статей от 10 до 50 баллов;

2) за каждое изобретение или полезную модель, запатентованное и внедренное по направлению в совместности с учащимся - от 20 до 50 баллов;

3) за познание отраслевых нормативных правовых актов, отраслевые знания и уровень языкознания - от 10 до 30 баллов;

4) изданные пособия и учебники – от 10 до 30 баллов;

5) за умение использования информационно-коммуникативных технологий – от 10 до 30 баллов;

6) за подготовку учащихся по направлению к конкурсам и олимпиадам, в которых были заняты почетные места:

- в республиканских - от 20 до 50 баллов;

- в международных - от 30 до 60 баллов;

7) за иные труды, предусмотренные в пункте 5 настоящего Положения от 10 до 30 баллов.

19. Победители конкурса определяются суммой полученных кандидатами баллов и заключением экспертов.

## 4. ПОДВЕДЕНИЕ ИТОГОВ КОНКУРСА И МЕРЫ ПООЩРЕНИЯ

20. По результатам каждого этапа подводится итог конкурса, победители определяются по результатам научно-педагогических работ и деятельности в заключительном этапе.

21. В случае возникновения спорных ситуаций, в целях обеспечения прозрачности и объективности при оценке результатов участников конкурса, материалы конкурса будут предоставлены для оценки независимым экспертам, определивших Министерством образовании и науки из числа отраслевых специалистов. Независимым экспертам не представляются заключения экспертной комиссии по конкурсным материалам.

22. Решение Республиканской комиссии по Государственной премии утверждается постановлением Правительство Республики Таджикистан.

23. Общее количество Государственной премии составляет 15 единиц, в том числе 6 премий лицам, имеющим ученую степень и 9 премий преподавателям учреждений общего и начального профессионального образования.

24. Победители конкурса награждаются дипломом и денежным вознаграждением. Денежное вознаграждение для каждого победителя составляет 20 000 (двадцать тысяч) сомони.

25. Премия вручается Президентом Республики Таджикистан или по его поручению иным ответственным лицом.

26. В случае смерти победителя конкурса, диплом и денежное вознаграждение передаются его наследникам в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

## 5. ФИНАНСИРОВАНИЕ КОНКУРСА

27. Расходы на проведение конкурса в внутриведомственном этапе несет учреждение, в котором работает соискатель, а за проведение районных, городских и областных этапов расходы несут местные органы исполнительной государственной власти. Комитеты профсоюзов и спонсоры, инвесторы, сотрудничающие с образовательными учреждениями, управлениями и отделами образования городов, районов и областей, могут внести свой вклад в это дело в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

28. Расходы на проведение республиканского этапа конкурса возлагаются на Министерство образования и науки Республики Таджикистан, государственные и негосударственные организации и отдельные лица могут внести свой вклад в это дело в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

29. Расходы для участия ученых и преподавателей в конкурсе оплачиваются по месту основной работы в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

Приложение
к Положению о Государственной премии Республики Таджикистан для учёных и преподавателей естественных, точных и математических дисциплин

Документы, представляемые кандидатами

Кандидат, участвующий в конкурсе, в зависимости от проделанной работы должен представить следующие документы:

1) Личный листок;

2) Копии документов о ступенях образования;

3) Копия паспорта;

4) Автобиография;

5) Фото размером 3х4 - 6 шт.;

6) Решение Совета или коллегии учреждения, в котором работает кандидат, о предложении по присуждению премии - 1 экз.;

7) Список всех научных работ кандидата - 2 экз.;

8) Краткий обзор содержания работы или научных работ, представленных на конкурс в размере не более одной печатной страницы - 2 экз.;

9) Копия авторского свидетельства (за открытие) - 2 экз.;

10) Справка из ведомства или соответствующего органа о практической реализации изобретений, конструкций, материалов и новых технологий, комплектность методов производства в различных отраслях народного хозяйства - 1 экз.;

11) Документы, подтверждающие ученую степень кандидата или доктора наук;

12) Документы, подтверждающие реальное внедрение или дальнейшую реализацию научно-практических открытий и изобретений с приложением печатных, записывающих и наглядных материалов;

13) Документы, подтверждающие состояние внедрение открытий и изобретений, которые реализованы или реализуются;

14) Документы, подтверждающие о не менее одного года реализации исследования кандидата;

15) Учебники, учебно-методические материалы и монографии;

16) Копия диплома, грамоты учеников кандидата (учащегося, студента, магистранта, докторанта по специальности), полученных в республиканских и международных конкурсах и олимпиадах;

17) Другие документы, необходимые для представления на конкурс.